СУРАТМАҶЛИСИ №12

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018

22-уми ноябри соли 2022 **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №16 тасдиқгардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҷабзода Сорбон Абдусалом дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ Зоир Ҷ.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои Шурои диссертатсионӣ Шарофзода Р.Ш. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ. баромад намуданд (хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Сорбон Абдусалом дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- Аминҷонов Абдураззоқ Худойшукурович, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия - «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 7 феврали соли 2023, соати 10:00 таъин карда шавад.

Қарор қабул шуд: якдилона

Раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **Золотухин А.В.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент **Назаров А.Қ.**